**Тақризи**

**роҳбари илмӣ, д.и.и., профессори кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Қудратов Рустам Раҳматович ба кори диссертатсияи унвонҷӯи Институти иқтисод ва таҳлили системавии АИКТ - Исматуллозода Бахром Абдуғафор дар мавзӯи “Сармоягузорӣ ҳамчун омили баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ.**

Солҳои охир дар Ҷумхурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини фаъолияти муназзами тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, махсусан кишоварзӣ, аз ҷумла таъсиси иқтидорҳои нав ва истеҳсоли маҳсулоти хушсифати кишоварзӣ, таъмини бозори истеъмолии кишвар бо маҳсулоти соҳа дар ҳамаи фаслҳои сол, махсусан зимистону баҳор бо истифодаи мақсадноки сардхонаву гармхонаҳо ва баланд бардоштани самаранокии заминҳо дар хоҷагиҳои ҷамъиятию аҳолӣ, гирифтани 3-4 ҳосил дар як сол, зиёд намудани нақшаи кишти зироатҳо, бахусус майдони кишти картошка то 40 фоиз ва майдони кишти такрорӣ аз ҳисоби галладонагиҳо, лубиёгиҳо ва ҷуворимакка то 60 фоиз корҳои назаррас ба анҷом расонида шуд.

Бозори молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун низоми ташаккул, тақсим ва азнавтақсимкунии воситаҳои муваққатан озоди давлат ва бахши хусусӣ дар таъмини суръати нисбатан баланди рушди иқтисодӣ мавқеи баланд дорад. Дар ҳолати самаранок истифода бурдани ин манбаи рушд захираҳои мавҷуда барои таъмини эҳтиёҷоти молиявии соҳаҳои мухталифи иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар ва баланд рафтани самараи фузунсозӣ равона карда мешавад.

Нигоҳдории устувории макроиқтисодӣ тавассути се самти маблағгузорӣ, аз ҷумла дастрасии васеъ ба маблаггузориҳои қарзии низоми бонкӣ, ҷалби сармояи дарозмуҳлат аз бозори такрории коғазҳои қимматнок ва хизматрасониҳои сугуртавӣ таъмин мегардад.

Низоми бонкӣ барои вусъат додани истеҳсолоти ватанӣ, таҳкими иқтидори содиротӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ нақши калидиро мебозад. Аммо захираҳои молиявии ин низом ҳануз талаботи иқтисоди миллиро қонеъ гардонида наметавонад.

Дар соли 2020 дороиҳои ташкилоти молиявии қарзии кишвар ва ҳаҷми пули нақди берун аз низоми бонкӣ нисбат ба ММД мутаносибан 27,4 фоиз ва 20,7 фоизро ташкил медиҳад, ки аз саҳми ночизи низоми бонкӣ дар

иқтисоди миллӣ гувоҳӣ медиҳад. Ҳоло он ки нишондиҳандаи дороиҳои низоми бонкӣ нисбат ба ММД дар ҷаҳон ба ҳисоби миёна зиёда аз 65 фоизро ташкил медиҳад. Дар сурати расидан ба ин нишондиҳанда саҳми низоми бонкй дар рушди босуръати иқтисоди миллӣ афзоиш меёбад.

Асосҳои назариявӣ ва методологии тадқиқотро асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҳлилҳои институтҳои соҳавӣ ва нашри мақолаҳои илмӣ-амалӣ оид ба афзалияти афкори иқтисодӣ доир ба масъалаҳои сармоягузорӣ ба иқтисодчиён таааллуқ дорад, ки назария ва консепсияҳоро, ки моҳият ва шаклҳои ҷалби сармоягузорро муайян мекунанд, таҳия кардаанд. Ҳангоми иҷрои тадқиқот аз ҳисоботҳои корхонаҳои кишоварзй ва шуъбаҳои омории шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ истифода бурда шудааст.

Дар раванди тадқиқот асосноккунии хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф бо ҳаҷми кофии маълумотҳои оморӣ тасдиқ карда шудааст. Муаллиф дар сатҳи зарурӣ усулҳои тадқиқоти илмиро фаро гирифтааст, дараҷаи лозимии омодагиро барои пешбурди тадқиқотҳои амиқи илмӣ доро мебошад ва аз донишҳо дар самти самаранокии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ макроиқтисодӣ бархурдор мебошад. Муқаррароти хулосаҳо ва пешниҳодҳои асосии илмиро, ки муаллиф дар ҷараёни тадкикот таҳия кардааст, метавонад дар тахияи барномахои давлати дар самти сохаи кишоварзи, амнияти озукаворли мамлакат ва ғизо мусоидат намояд.

Чунин мешуморем, ки Исматуллозода Баҳром Абдуғафор аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошташуда баромада, диссертатсияи худро дар мавзӯи ахамиятноку мубрами минтақаи тадкикоти таҳия намудааст. Ба у муяссар шудааст, ки дар диссертатсияи худ мушкилотҳои ҷалби сармоя ва самаранокии истифодаи онро дар соҳаи кишоварзӣ тавсияҳои оид ба такмили минбаъдаи ин соҳаи муҳими кишвар таҳия намояд. Дар маҷмуъ диссертатсия аҳамияти кифояи илми ва назариявию амалиро дорост ва кори илми-тадкикоти ба итмомрасида буда, барои ба мухокимаи
ошкоро пешниход карда мешавад.

Вобаста ба шахсияти унвонҷӯ қайд кардани ҳастам, ки Исматуллозода Баҳром Абдуғафор соли 1996 Институти хоҷагии қишлоқи Точикистон (холо Донишгоҳи аграрии Точикистон ба номи Ш. Шотемур) бо ихтисоси зоотехник ва соли 2002 Донишгохи миллии Точикистонро бо ихтисоси молия ва қарз хатм намудааст. Баъд аз хатми Донишгоҳ Исматуллозода Б.А. фаъолияти худро дар муассисаҳои гуногун оғоз ва идома бахшида, ҳоло дар Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Чумхурии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст. Хамзамон, дар баробари

фаъолияти истеҳсоли Баҳром Исматуллозода ҷиҳати иҷрои корҳои илми-тадқиқотӣ дар Институти иктисодиёт ва тахлили системавии Академияи илмхои кишоварзии Точикистон тибки фармоиши директор №46-к аз у 20 ноябри соли 2018 мутобики банди 2.17-и “Низомномаи тайёр намудани кадрҳои илми-педагогӣ” ба хайси унвонҷӯ қабул шудааст.

Дар фаъолияти илми-тадқиқотӣ то имрӯз Исматуллозода Б.А. 10-адад маколаи илмӣ аз ҷумла 6 -адад мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода ва нашр намудааст. Мавзӯи диссертатсия дар алоқамандӣ бо имкониятхои илмию эҷоди ва дараҷаи андешаронии Баҳром Абдуғафор мувофиқ интихоб шудааст.

Аз ин лиҳоз хулоса баровардем, ки унвончӯ тавонистааст дар гузориш ва натиҷагири аз максад, вазифа ва унсурҳои навгонии илмии худ муваффак шавад. Дар мачмуъ, хамаи далелхо аз он гувоҳи медиханд, ки диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Аз ин рӯ диссертатсияи Исматуллозода Баҳром Абдуғафор сазовори дарёфти баланди дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мувофиқат мекунад ва барои ҳимояи ошкоро пешниҳод карда шавад.

**Рохбари илми:**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори “кафедраи таҳлили иқтисодӣ”-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Қудратов Р.Р**

6.05.2025.

**Имзои Қудратов Р.Р- ро тасдик менамоям.**

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

**Мирҷамолов М. А.**